Academic Research in Educational Sciences VOLUME 2 | ISSUE 12 | 2021
ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12-1248-1261

# РОБИТАҲОИ ЭҶОДИИ ШОИРОНИ МОВАРОУННАҲР ВА ЭРОН ДАР АСРҲОИ XVI-XVII

**Ҳошимҷон Ҳасанзода Қучқоров**
омӯзгори кафедраи «Адабиётшиносии ӯзбек»-и
Донишкадаи давлатии педагогии Чирчиқи вилояти Тошканд,
quchqorovhoshimjon@gmail.com

## АННОТАТСИЯ

Дар мақолаи мазкур робитаҳои эҷодии шоирони Мовароуннаҳру Эрон дар асрҳои XVI-XVII, ҳаёти адабию фарҳангии давраи мазкур ва таҳаввули жанрҳои адабӣ мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Инчунин, ба масъалаи аз ҳам канда нашудани робитаҳои адабии Мовароуннаҳру Эрон эътибори алоҳида дода шуда, таъсири байниҳамдигарии шуарои аҳди мазкур дар асоси мисолҳо исбот гардидааст.

**Калимаҳои такягоҳӣ:** робитаи эҷодӣ, муҳити адабӣ, ҳаёти фарҳангӣ, адабиёт, татаббӯот, назира, жанр.

# CREATIVE RELATIONS BETWEEN MAVAROUNNAHR AND IRAN POETS IN THE XVI-XVII CENTURIES

## ABSTRACT

This article discusses the creative ties between the poets of Mavarounnahr and Iran in the XVI-XVII centuries, the literary and cultural life of this period and the evolution of literary genres. Special attention was paid to the issue of maintaining the literary ties between Mavarounnahr and Iran, and the mutual influence of the Council of the Covenant was proved on the basis of examples.

**Keywords:** creative connection, literary environment, cultural life, literature, application, theory, genre.

## МУҚАДДИМА

Баробари пешрафту дигаргуниҳо дар ҳаёти ҷомеа дар адабиётшиносии имрӯза низ то рафт бештар мақеъ пайдо кардани омӯзиши робитаҳои адабии пешинаи мардуми бо халқҳои дигар, хусусан бо халқҳои ҳамсоя муайян намудани самтҳои ин робита ва роҳи шаклҳои нави зуҳуроти он мебошад.

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12-1248-1261

Умуман омӯзиши муносибат ва робитаҳои адабии халқамон бо халқҳои дигар дар замони мо низ аҳамият ва рӯзмаррагии худро нигоҳ дошта, яке аз риштаҳои муҳимтарини омӯзиши таърихи адабиёти мумтоз ҳисоб мешавад. Хусусан омӯзиши робитаҳои наздики адабии байни ду халқи ҳамзабон – тоҷикону эрониён, ки дар давраҳои тӯлонии таърихи худ то асри XVI ба адабиёти муштараки мумтоз соҳиб буданд, зарурат дорад.

## ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ ВА МЕТОДОЛОГИЯ

То ба ҳол муносибатҳои адабии байни Мовароуннаҳр ва Эрони асрҳои мазкур чи дар адабиёишиносии тоҷик ва чи дар адабиётшиносии Эрон тамоман омӯхта нашудааст.агарчи муносибатҳои адабии байни Мовароуннахр ва ҳиндустони асрҳои номбурда як дараҷа омӯхта шуда ва доир ба ин масъала мақолаҳои ҷудогонае низ навишта шудаанд, вале давраи мазкур ба сабабҳои маълум саҳифаҳои холии таърихи муносибатҳои адабии Мовароуннахр ва Эрон пиндошта мешавад. Дар ин давр ба муносибати таъсиси давлати мазҳабии шиа дар Эрон ва ташкил ёфтани ду давлати ба ҳамдигар душмани Сафавиён дар Эрон ва Шайбониён дар Мовароуннаҳр робитаҳои сиёсӣ ва фарҳангии байни ду кишвар канда шуд буд. Аз ин рӯ робитаҳои адабии байни ҳар ду кишварро низ ба дараҷаи нестӣ гумон мекарданд ва бинобар ин ба омӯзиши ин масъала иқдом намекарданд. С. Саъдиев ягона муҳаққиқест, ки дар солҳои охир ба ин масъала даст зада, саҳифаҳои торик таърихи муносибатҳои адабии Мовароуннаҳру Эронро дар давраи мазкур то дараҷае равшан намудааст муҳаққиқ дар китоби «Маркази адабии Самарқанд дар шоҳроҳи таърих» дар асоси ахбороти манбаъҳои адабии давраи мазкур, бар хилофи қатъӣ робитаҳои сиёсии байни Эрон ва Мовароуннахр, ҳодисаи ба ашъори чанде шоирони Эрон ҷавобу татаббӯъҳо гуфтани шоирони Мовароуннахр ва дар Самарқанд маркази адабии кишвар воқеъ шудани ин ҳодисаи эҷодиро ошкор намудааст.[1.219]

Ғайр аз ин, дар омӯзиши адабиёти асрҳои XVI-XVII тоҷик ва форс – тазкираҳои «Музокири аҳбоб»-и Ҳасанхоҷаи Нисорӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ, «Музокир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Муҳаммад Тоҳири Насрободии Исфаҳонӣ, инчунин осори ҷавобияи шоирони Мовароуннаҳри давраи мазкур ба ашъори шоирони Эрон, ки дар тазкираҳои номбурда ва манбаъҳои дигар оварда шудаанд, манбаъҳои асосӣ ба шумор меравindependent.

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12-1248-1261

## НАТИҶАҲО

Заминаҳои ба вуҷуд омадани муносибат ва равобити адабии Мовароуннаҳр ва Эрони ин давр бар қатъ гардидани муносибатҳои сиёсии байни кишварривоҷи ҳодисаи адабии ҷавобу татабӯоти шоирони тоҷик ба ашъори якдигар будааст.

Маҳфилу маҷлисҳои адабие, ки дар доираҳои шаҳр баргузор мегардиданд, тараққиёти адабиётро дар муҳити шаҳр равшан нишон медиҳанд. Маҷлисҳои адабӣ ва мушоираю бадеҳагӯиҳои шеърӣ дар ҳама ҷоғдар даргоҳи ҳокиму умаро, мадрасаҳо, манзилҳои аҳли адаб ва ҳаводорони шеър, растаю бозорҳои шаҳр, дӯкону коргоҳҳои ҳунармандӣ, ҳатто дар масчиду хонақоҳҳо ва ғайра ташкил меёфтанд. Дар маҷлисҳои адабӣ масъалаҳои мухталифи шеъру шоирӣ баррасӣ мегардиданд.

Маҷлисҳои меҳмондорӣ ва базму зиёфатҳои доираҳои шаҳр низ бе бадеҳагӯию мушоираи шоирон намегузаштанд. Аз маҷлису базмҳои ҳукуматдорон то дӯконҳои шаҳр шеър садо медод, чунон ки боре тазкиранавис Мутрибӣ дар яке аз бозорҳои Самарқандшоҳиди дар дӯкони кафшдӯзии худ пеши ҷамъе аз мардум ба қироати шеъраш машғул шудани шоири кафшдӯз Ҳаттотӣ гардидааст.[1.392] Мутрибӣ дар тазкираи худ дар чандин мавридҳо ба маҷлисҳои шеър ва бадеҳаю мушоираҳои шоирони доираҳои шаҳр ишораҳо намуда дар хусуси онҳо нақлҳо кардааст. Чунончӣ дар мавриде аз маҷлиси адабие нақл кардааст, ки дар боғи Ҷанубии Самарқанд баргузор гардида, дар он чанде шоирони намоён, аз қабили Мулло Сабурӣ, Мулло Фаршӣ, Хазонӣ, Шӯҳратӣ ва Мутрибии шоир ва тазкиранавис ҳозир будаанд.[1.423] Дар мавриди зикри шоир Афзалии Самарқандӣ ҳам аз як ҷамъомади фозилону шоирон дар яке аз боғҳои Самарқанд ёдовар шудааст, ки дар он султони Самарқанд низ ҳузур доштааст. Яке аз ҳозирон ба мақсади гарм кардани маҷлис ва оғоз намудани бадеҳаи шеърӣ байти зеринро ба миён андохта, шоиронро даъват намудааст, ки ба равияи он бадеҳа гӯянд:

*Маҳ зи ҷаври фалак дуто шудааст,*
*Ё зимаҳ порае ҷудо шудааст.*

Назмӣ ном шоири хуштабъе дар ҷавоби ин байт ба Афзалӣталаффуз карда гуфтааст:

*То ба он моҳ ошно шудааст,*
*Афзалӣ пири худнамо шудааст.*

Афзалӣ фавран чунин ҷавоб додааст:

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12-1248-1261

*Булбулонанд дар чаман хомӯш,*
*Зоғро бин, ки дар наво шудааст.[1.200]*

Тавре ки аз ин мисол аён аст, маҷлисҳои адабӣ бисёртар ба бадеҳагӯӣ ва ҳозирҷавобии шеърӣ доир мегашт. Шоирон дар ҷавоби фаврӣ ва пухтаи абёти якдигар ҳунарнамоӣ мекарданд. Онҳо бештар дар ҳамин риштаи фаъолияти эҷодӣ табъи худро сайқал дода, маҳорату малака ҳосил мекарданд. Аз ин ҷост, ки тазкиранависон бисёре аз онҳоро дар бадеҳагӯӣ ва ҷавоби фаврӣ ба ашъори дигарон чунин моҳир нишон додаанд.

Маҷлисҳои адабӣ бадеҳагӯиро ривоҷ дода буд. Бадеҳагӯӣ дар ҷамъомадҳои шоирон дар бисёр мавридҳо ба ҳаҷвгӯӣ мекашид, чунон ки инро дар мисоли бадеҳаи ҳаҷвомези Афзалӣ ва Назмӣ дидем, шоирон бештар барои гарм кардани маҷлис ва ба шавқу шӯр овардани аҳли он, завқу сурур бахшидан ба онҳо бадеҳаро ба ҳаҷви якдигар мегардонданд.

Бо вуҷуди ин ҳаҷву мутоиба мавзӯи асосии ҷамъомадҳои адабии доираҳои шаҳр набудааст. Дар ин ҷамъомадҳо гуфтани ҷавоб ба ашъори шоирони маълуму машҳур дар маркази диққати шоирон қарор дошт. Маҷлисҳои адабӣ аксаран ба гуфтани шеърҳои ҷавобия вамуҳокимаю баррасии онҳо доир мегардиданд. Одатан касе аз аҳли маҷлис дар бисёр мавридҳо ташаббускори он маҷлис матлае ё шеъреро аз ягон шоири шинохта дар миён меандохт ва шоиронро даъват мекард, ки ба он ҷавоб гӯянд. Ин амр ҳатто дар маҷлиси подшоҳ низ воқеъ мешуд. Чунон ки Султон Саидхон, ҳукмдори Самарқанд боре як ғазали Хоҷа Осафӣ, шоири машҳури Хуросонро дар миёни шуаро андохта, аз онҳо ҷавоб талаб кардааст.[1.253]

Матлаи Хоҷа Осафӣ ин будааст:

*Нарехт дурди майлу муҳтасиб зи дайр гузашт,*
*Расида буд балое, вале ба хайр гузашт.*

Бисёр шоирон ба ин ғазал ҷавоб навиштанд, ки дар байни онҳо шоирони тавоное чун Мушфиқии Бухороӣ, Фурӯғии Самарқандӣ, Мулло Боқии Хумдонакӣ, Мулло Боқии Каффош(кафшдӯз) будаанд. Ғазалҳои ҷавобияро аз назар гузаронда мебинанд, ки ҷавоби шоири кафшдӯз Боқии Каффош аз ҳама беҳтар аст. Ҳамин тавр ӯғолиби ин мусобиқаи шеърӣ дониста шудааст. Мутрибӣ дар тазкираи худ аз ғазали ҷавобияи Боқии Каффош ин ду байтро дарҷ кардааст:

*Сабо зи кӯи ту, ҷонам ба расми сайр гузашт,*
*Зи рашк ҷон ба лаб омад маро ки ғайр гузашт.*

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12-1248-1261

*Ба юзу боз гузашту аз он шудам хушдил,*
*Ки шоҳи ман чу Сулаймон ба ваҳшу тайр гузашт.*

Бинобар гуфтаи Мутрибӣ аҳли фазлу адаби Самарқанд «ваҳшу тайр»-ро дар ғазали Боқии Каффош аз «ваҳшу тайр»-и Хоҷа Осифӣ афзалтару бамавридтар ҳисоб кардаанд:

*Зи марғзори ҷаҳон Осафӣ гурезон аст,*
*К-аз ин диёр Сулаймон ба ваҳшу тайр гузошт.*

Ташкили чунин маҷлисҳои ҷавоб ба ашъори шоирон аз ҷониби подшоҳу умаро ва дигар ҳомиёни шеър зоҳиран барои додани мукофот(сила) будааст. Водор намудани шоирон ба гуфтани ҷавоб ба шеърҳои ин ё он шоири маъруф ба ҳукми як нав конкурс будааст, ки аз рӯи он барои ҷавобҳои беҳтарин мукофотҳо дода мешуданд.

Муҳимтараш ин аст, ки гуфтани ҷавобия ба санҷиши иқтидори ҳунари суханварии шоирон равон карда шуда, онҳоро ба маъракаи талошва мусобиқа бо шоирони тавоно сафарбар менамуд. Хусусан гуфтани ҷавоби шеъри шоирони машҳури «бурунмарзӣ»-е чун Хоҷа Осафӣ ва чанде дигарон, ки дар поин мебинем, эътибори ин гуна санҷишҳои адабӣ ва ғолибони онҳоро меафзуд. Аз ин рӯҳам ташкилотчиёну ташаббускорон ва ҳам иштирокчиёни санҷишҳои  ҳунарӣ саъй менамуданд бо сухансароёни пурзӯри «бурунмарзӣ»-и Хуросону Эрон ба қувваозмоии эҷодӣ пардозанд.

Аз ҷумлаи шоирони забардасти Хуросону Эрони асри XVI, ки дар байни сухансароёни  Мовароуннаҳр низ шӯҳрат ёфта ва ашъорашон дар ин кишвар паҳн гардида будаанд, ғайр аз Хоҷа Осафӣ боз Урфии Шерозӣ, Мӯҳташами Кошонӣ, Валии Даштибаёзӣ, Майли Ироқӣ, Ваҳшии Бофиқӣ ва чанде дигарро ном бурдан мумкин аст.

Яке аз шоирони номдор ва тавонои Самарқанди ин давр Мир Дӯстии Бӯстонхонӣ аз ҷумлаи сухансароёни дар боло ном бурдаи Эрон ба Мӯҳташами Кошонӣ таваҷҷӯҳи махсус дошта, ба ғазали ӯҷавоб гуфтанашро ба Мутрибӣ изҳор карда будааст. Матлаи он ғазали Мӯҳташам ин аст:

*Гар аз ҷамоли ҷаҳонтоби ӯ ниқоб кашанд,*
*Ҷаҳониён қалами радд бар офтоб кашанд.*

Матлаи ғазали ҷавобияи Мир Дӯстӣ ин аст:

*Бутон, ки аз пайи даъво зи рӯй ниқоб кашанд,*
*Яке ниқоби туро дида сад ҳиҷоб кашанд.*

Мир Дӯстӣ ин ғазали худро ба Мутрибӣ пурра хонда додааст, вале тазкиранавис фақат матлаи онро зикр кардаасту бас.

Боз як шоири намоёни Самарқанд Мавлоно Муҳаммад Содиқи Ҳалвоӣ, ки аз тоифаи уламо ва арбоби шариат буда, мансаби қозии шаҳри мазкурро дар ӯҳда доштааст, ғазале дар ҷавоби Урфии Шерозӣ, суханвари бузурги Эрон ва яке аз бунёдгузорони сабки ҷадиди ба ном ҳиндӣ сурудааст. Ин ғазали Содиқ дар тазкираи Мутрибӣ пурра оварда шудааст, ки дар пайравӣ аз ин устоди аввали сабки ҷадиди шеърӣ аз мазмунҳои тоза холӣ нест.

## МУҲОКИМА

Аз мисолҳои болоии ашъори ҷавобияи шоирони Мовароуннаҳр чунин хулоса намебарояд, ки дар ин ҳавзаи адабӣ шоирон фақат ба гуфтани ҷавоби ашъори суханварони Хуросону Эрон саргарм буда, аз гуфтани ҷавоб ба ашъори шоирони устоди кишвари хеш худдорӣ варзида бошанд. Гуфтани ҷавоби ашъори дигарон дар байни шоирони Мовароуннаҳр он қадар ривоҷ пайдо карда буд, ки онҳо гузашта аз ашъориҳамдигар ба ашъори сухансароёни Хуросону Эрон ва Ҳинд низ пардохта буданд. Ба ин тариқа муҷоботи шоирони Мовароуннаҳр аз ҳудуди ин кишвар баромада, саросари қаламрави шеъри форсиро фаро гирифта буд. Бо вуҷуди ин асри XVI давраи оғози ҷавобияи эҷодии шоирони Мовароуннаҳру шоирони кишварҳои номбурда буд. Ин равобити эҷодии шоирони Мовароуннаҳр бо суханварони кишварҳои дигар дар асри XVII хеле вусъат гирифта, гуфтани ҷавоби ашъори шоирони Эрон ва Ҳинд сармашқи эҷодиёти онҳо қарор гирифт. Шоирони Мовароуннаҳр дар ин давр нисбат ба ҷавоби ашъори якдигар ба ҷавоби ашъори шоирони Эрон ва Ҳиндустон бештар таваҷҷӯҳ менамуданд. Ҳол он ки дар асри XVI бештар ба ҷавоби ашъори ҳамдиёрони худ ва камтар ба ашъори шоирони Хуросону Эрон ва Ҳинд таваҷҷӯҳ доштаанд. Аз шоирони ҳавзаи адабии Ҳинд фақат ба қасидаҳои «Кашмир»-и Файзии Даканӣ ва «Корнома»-и Саноии Машҳадӣ ҷавоб гуфтани шоирони маъруфи Мовароуннаҳр Муроди Самарқандӣ ва Мутрибии Самарқандии тазкиранавис маълум аст.

Чи навъе ки аз мисолҳои болоӣ маълум мешавад, дар ҷавобгӯӣ ба ашъори шоирони ҳамзамони Хуросону Эрон бештар шоирони маркази адабии Самарқанд пешдастӣ доштаанд. Аз рӯи маълумоти тазкираи Мутрибӣ ҳукм кунем, маъракаи мусобиқаи ҷавобгӯии шоирони тоҷик ба ашъори сухансароёни ду кишвари номбурда асосан ба намояндагони маркази адабии Самарқанд

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12-1248-1261

маҳдуд мешавад. Аз маркази адабии Бухоро дар тазкираи Мутрибӣ ягон шоире зикр нашудааст, ки ба ҷавоби шоири Эрон пардохта бошад. Дуруст аст, ки шоири намоёни Мовароуннаҳри ин давр Аршии Кешӣ, ки фаъолияти шоириаш дар Самарқанд ва Бухоро ҷараён дошта, намояндаи ҳар ду маркази адабии кишвар ҳисоб мешуд, дар мақтаи як ғазали худ аз шоирони Эрон Майлии Ироқӣ ва Вахшии Бофиқӣ ёдовар шуда, дар қувваозмоии эҷодӣ бо онҳо бартарӣ ёфтанашро даъво кардааст:

*Хонд, Аршӣ, то зи ашъори ту мутриб дар Ироқ,*
*Муҳташам мадҳушу Майлӣмасту Ваҳшӣ шуд хароб.[1.561]*

Вале ин гуфтаи Аршӣ ба ҷавоби се шоири номбурда ё шоирони дигари Эрон пардохтаниўро нишон намедиҳад.

Бинобар ин гуфтан мумкин аст, ки шоирони Бухоро аз маъракаи ҷавобгўии эҷодӣ ба шоирони Хуросону Эрон берун монда будаанд.

Инро ҳам бояд қайд кунем, ки шоирони Хуросону Эрон дар ин давр ва дар давраҳои минбаъда низ ба гуфтани ҷавоби ашъори шоирони Мовароуннаҳр майл накардаанд. Аз ин рў мусобиқаи эҷодии байни шоирони Мовароуннаҳр ва Хуросону Эрон яктарафа буд. Дар он фақат шоирони Мовароуннаҳр иштирок доштанд. Дар ҳар ҳол аз шоирони дар тазкираи Мутрибӣ зикр шудаи Хуросону Эрони нимаи дуюми асри XVI нафареро намебинем, ки ба ҷавоби шеъри шоири Мовароуннаҳр саъй карда бошад.

Ин худ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар тараққиёти таърихии адабиёти форсӣ-тоҷикии ин асрва давраҳои баъдӣ шоирони Эронпешраву пешқадам буданд. Ин нуктаро аз ҳодисаҳои ашъори худро ба Мовароуннаҳр фиристода, аз шоирони тоҷик ҷавоб хостани онҳо низ, ки дар поин аз назар мегузаронем, пай бурдан мумкин аст. Ҳодисаи шеърҳои ҷудогонаи худро ба шоирони Мовароуннаҳр фиристода, аз онҳо ҷавоб талаб кардани баъзе сухансароёни Эрон дар асри XVI, ки дар тазкираи Мутрибӣ нақл шудааст, агарчи бозҳам якҷониба буд, яъне шоирони тоҷикро мавриди санҷиши эҷодӣқарор медод, аммо умуман робита ва пайвандҳои адабии байни Мовароуннаҳр ва Эронро ба сатҳи болотаре бардошт. Чаро ки ин ҳодиса ба огоҳӣ ва шинохти шоирони тоҷик аз ҷониби шоирони Эрон роҳ кушод. Дар шароити гусастагии пайвандҳои адабии байни Мовароуннаҳру Эрон ба иллати низоъҳои сиёсию мазҳабӣ аҳли фазлу адаби Эрон аз ҳаёти адабӣ, фаъолияти эҷодӣ ва ҳатто мавҷудияти аҳли шеър дар Мовароуннаҳр бехабар монда буданд. Аз инҳо, ки хабар ёфтанд, донистани дараҷаи ҳунари шеърҳояшон ба миён омад. Инҳол

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12-1248-1261

чанде шоирони Эронро водор сохт, ки намунаҳои эҷодиёти худро ба шоирони Мовароуннаҳр фиристода, гуфтани ҷавоби онҳоро талаб намоянд. Ба ин восита онҳо тавонистанд намунаҳои ашъори ҳамқаламони мовароуннаҳрии худро ба даст оварда, бо он шиносо шаванд.

Дар ин иқдоми эҷодии ба санҷиш кашидани шоирони Мовароуннаҳр аз тариқи барои ҷавоб ба миён андохтани шеъри худ сухансарои маъруфи Хуросон Валии Даштибаёзӣ ташаббус нишон додааст. Бинобар маълумоти Мутрибӣ шоири номбурда боре бо матлаи зайл суруде гуфта, ба Мовароуннаҳр фиристодааст ва шоирони ин кишварро ба ҷавоби он даъват намудааст:

*Шаб ки қуфли дари хурсандиям афғон бишикаст,*
*Нола кардам, ки қафас бар ҳама мурғон бишикаст.*

Пеш аз он ки ба баррасии ҷавобҳои шоирони Мовароуннаҳр ба ғазали мазкури шоири Хуросон гузарем, аввал ба як нуктаи торики ин ҳодисаи робитаи эҷодии байни сухансароёни Эрону Мовароуннаҳр равшанӣ андохтан зарур менамояд.

Аз ахбороти Мутрибӣ маълум намешавад, ки Валии Даштибаёзӣғазали худро барои ҷавоб ба кадоме аз ду маркази адабии Мовароуннаҳр, Бухоро ё Самарқанд фиристодааст. Тазкиранавис умуман ба Мовароуннаҳр фиристода шудани ғазали Даштибаёзиро зикр карда мушаххасан Бухоро ё Самарқанд будани ҷои фиристодаи шеъри ӯро қайд накардааст. Аммо тадқиқоти С. Саъдиев доир ба аҳволу ашъори шоирони ин давраи Самарқанд дар китоби тазкираи «Маркази адабии Самарқанд дар шоҳроҳи таърих» нишон медиҳад, ки шоироне, ки ба ғазали Даштибаёзӣ ҷавоб гуфтаанд ва ҷавобияҳои онҳо дар тазкираи Мутрибӣ дарҷ ёфтаанд, ҳама намояндагони маркази адабии Самарқанд буда, дар ҳамин шаҳр эҷод кардаанд: инҳо Нозимӣ, Фаршӣ, Ашкӣ, Шамсӣ, Завкӣ, Шаҳрӣ, Рашкӣ ва Сайрафӣ мебошанд. Аз инҳо аҳволи ду нафари охирин дар тазкираи Мутрибӣ зикр наёфта, онҳоро устод С. Саъдиев дар асоси шоирони Самарқанд будани шаш нафари аввал ба тақриб ба ҳамин маркази адабӣ мансуб кардааст. Вале тазкираи Мутрибӣ баробари шоирони Самарқанд суханварони Бухороро низ фаро гирад ҳам, дар байни онҳо монанди шоире, ки ба ғазали мазкури Даштибаёзӣҷавоб гуфта бошад, ба назар намерасад. Аз ин рӯ устод С. Саъдиев яқин кардааанд, ки Даштибаёзӣ он ғазали мавриди ҷавоби худро ба маркази адабии Самарқанд фиристода будааст.[2.219]

Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чаро бо вуҷуди он ки маркази дигари адабии Мовароуннаҳр  Бухоро дар шӯҳрату эътибор ва тавоноии эҷодии

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12-1248-1261

шоирони худ аз маркази адабии Самарқанд ҳеҷ камӣ надошт, балки имтиёз дошт,шоири Хуросон ғазалашро барои ҷавоб ба Бухоро нею ба Самарқанд фиристодааст?

Гап дар сари он аст, ки маркази сиёсии Мовароуннаҳр аз миёнаҳои асри XVI амалан аз Самарқанд ба Бухоро кӯчида, дар асари ин дар ин шаҳр низ баробари Самарқанд муҳити адабии пурқуввате ташкил ёфта буд, аммо чунин менамояд, ки суханварони Эрон бехабар аз ин тағйирот дар ҳаёти адабии Мовароуннаҳр аз рӯи анъана Самарқандро ягона маркази адабии ин кишвар тасаввур мекарданд. Валии Даштибаёзӣ аз рӯи ҳамин тасаввурот ғазали худро ба шоирони Самарқанд фиристодааст.

Аз рӯи ахбороти Мутрибӣ қариб ба 20 нафар шоирони Мовароуннаҳр ба ҷавоби ғазали Даштибаёзӣ пардохтаанд. Бинобар мулоҳизаҳои болоии мо тахмин меравад, ки ҳамаи ин шоирон намояндагони маркази адабии Самарқанд будаанд. Ҳамин тавр ғазали шоири Эрон дар байни шоирони Самарқанд ҷунбиши калони эҷодиро ба вуҷуд оварда, бисёре аз онҳоро ба ҷавобгӯӣ сафарбар кард. Ҷавоби ғазали Даштибаёзӣ дурахшонтарин ҳодиса дар таърихи равобити адабии байни Мовароуннаҳр ва Эрон гардид.

Афсус, ки Мутрибӣ танҳо матлаи ғазали Даштибаёзиро овардааст. Бинобар ин ғазалҳои ҷавобияи шоирони Самарқандро бо ғазали мавриди ҷавоб муқоиса карда наметавонем. Фақат матлаъҳои онҳоро қиёсан таҳлил ва баррасӣ намудан мумкин аст. Бо вуҷуди ин дар тазкира пурра оварда шудани матни 8 ғазали ҷавобияи шоирони Самарқанд барои омӯхтани равияи эҷодии ҷавобу татаббӯъ дар шеъри асри XVI тоҷик аҳамияти калон дорад.

Инак он 8 ғазали ҷавобияи шоирони Самарқандро, ки Мутрибӣ намунавор аз қариб 20 ғазали ҷавобияи сухансароёни Мовароуннаҳр дар тазкирааш овардааст, дарҷ мекунем.

Зоҳиран ғазалҳои ҷавобӣ ба Даштибаёзӣ рафта расидаанд ва ӯро рӯҳбаланд намудаанд, ки ӯ боре дигар рубоии зайлро дар мавзӯи шамъу парвона гуфта, ба Мовароуннаҳр ирсол кардааст ва шуарои ин кишварро ба ҷавоб гуфтани он даъват намудааст.

*Парвона, ки шамъаш ҳавасафзо бошад,*
*Ҷуз сӯхтанаш чаро таманно бошад?*
*Ғайрат нагузорадаш, ки дар базми касон,*
*Ӯ зиндаю ёр маҷлисоро бошад.[1.697]*

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12-1248-1261

Аммо маълум нест, ки ба ин рубоӣ кадом шоирони Мовароуннаҳр ҷавоб гуфтаанд. Мутрибӣ танҳо рубоии Мулло Хиргоҳии Ҳисориро дар ҷавоби он овардааст. Инчунин, ба дурустӣ маълум намешавад, ки шоири номбурда дар Самарқанд зиндагӣ ва эҷод мекард ё дар Бухоро.

Дар тазкираи Мутрибӣ боз ба як ҳодисаи ба шеъри ба Мовароуннаҳр фиристодаи шоири Эрон ҷавоб гуфтани шоирони тоҷик рӯ ба рӯ мешавем. Дуруст аст, ки ин бор шоири эронӣ Саноии Машҳадӣ аз Ҳиндустон, ки дар он ҷо муқим шуда буд, ба кишвар фиристода ҷавоб талаб карда буд.[1.681] Бинобар ин воқеаи мазкур метавонад барҳақ чун намунаи робитаҳои адабии байни Мовароуннаҳр ва Ҳинд низ ба шумор оварда ва мавриди гуфтугӯқарор дода шавад.

Амммо ин бор санҷиши қудрати эҷодии шоирони тоҷик аз тарафи шоири Эрон хеле мушкил буд. Аввал ин ки Саноии Машҳадӣ на ғазал, балки шеъри калоне – қасидаро бо унвони «Корнома» барои ҷавоб ба Мовароуннахр фиристода буд. Сонияш ин қасидаи ӯ шеъри маснӯъ буда дар он ададҳо аз як то сад ба тартиб вобаста ба маънии байтҳои шеър оварда шуда будаанд. Ба чунин шеъри калони маснӯъ на ҳар шоири тавоно ҷавоб гуфта метавонист. Бо он танҳо ду нафар – яке Мутрибӣ аз шоирони Самарқанд ва дигаре Нисорӣ аз шоирони Бухороҷавоб гуфтанашон маълум аст. Ин ду шоири тазкиранавис бинобар дар эҷоди шеърҳои маснӯъ устод буданашон ба гуфтани ҷавоби қасидаи Саноии Машҳадӣ иқдом намудаанд.

Чунин ҳодисаҳои ба шоирони Мовароуннаҳр шеърҳои худро барои ҷавоб гуфтани онҳо фиристодани суханварони Эрон агар аз як тараф нишонаи пайвандҳои адабии байни ду кишвар ва равобити эҷодии шоирони ҳар ду ҳавзаи адабӣ бошад, аз тарафи дигар аз эътибори ҳавзаи адабии Мовароуннахр ва аз ҷониби сухансароёни Эрон эътироф гардидани иқтидору салоҳияти эҷодии шоирони он гувоҳӣ медиҳад. Бо вуҷуди ин мусаллам аст, ки шоирони Эрон дар суханофаринӣ пешраву ташаббускор ва барои аҳли сухани Мовароуннахр намунаи ибрати эҷодӣ буда, ашъорашон ҳамеша мавриди назар ва пайравии онҳо қарор доштааст.

Тазкираи Мутрибӣ ва Малеҳо (асри XVII) нишон медиҳанд, ки шоирони Мовароуннаҳр нисбат ба ҷавоби ашъори якдигар ба ҷавоби шеърҳои шоирони Эрон ва Ҳинд бештар таваҷҷӯҳ намудаанд.

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12-1248-1261

## ХУЛОСА

Ба ду мазҳаби ба ҳам мухолифи ислом – суннӣ ва шиа ҷудо шудани мардумони Эрону Хуросон ва Мовароуннаҳр ва дар асоси ҳамин ду мазҳаб ҷараён ёфтани муносибатҳои душманона байни давлатҳои Сафавии Эрон ва Шайбониёни Мовароуннаҳр дар асри XVI равобити наздики ин ду кишварро ба ҳамдигар суст накарда намонд. Дар натиҷаи шиддати муносибатҳои сиёсию мазҳабии байни ду мамлакат равобити иқтисодӣ ва фарҳангии онҳо, агар тамоман канда нашуда бошад, дар шароити ҷудоию низоъҳои сиёсию мазҳабии байни Эрон ва Мовароуннаҳр алоқаи наздики адабие, ки пештар байни Мовароуннаҳр ва Эрон дар замони Темуриён вуҷуд дошт суст шуда, дар ҳар ду мамлакат ҳаёти адабӣ бе робита бо якдигар ҷарайён дошт. Рафту омади аҳли адаби ин кишвар бо он кишвар, робитаҳои эҷодии байни онҳо тақрибан канда шуда буд.

Бо вуҷуди ин адабиёти форсӣ ва тоҷикӣ дар давоми тақрибан ду асри тараққиёти мустақили худ аз аввалҳои асри XVI то охирҳои асри XVII ҳанӯз умумият ва муштаракии худро бо ҳамдигар тамоман аз даст надодаанд, робитаҳои эҷодии байни адибони тоҷик ва адибони Эрон низ тамоман аз миён нарафтааст.

Алоқаи ду адабиёти мустақили ҳамзабон пеш аз ҳама дар мисоли таълифи тазкираҳои умумии шоирони Эрону Мовароуннаҳр ба назар мерасад. Бо вуҷуди ҷудо кардани адабиёти муштараки форсӣ тоҷикӣ ба ду адабиёти мустақил аз аввалҳои асри XVI таълифи тазкираҳои умумфорсӣ дар ҳар ду адабиёт ба тариқи анъанавӣ давом кардааст.

Аҳли адаби Мовароуннаҳр садди мазҳабию сиёсии байни Эрон ва кишвари худро шикаста, ба наздикӣ ва ваҳдат бо ҳамқаламони ҳамнажоду ҳамзабони Эронӣ ва Хуросонии худ талош кардаанд. Ҳунари суханвари аҳли онро аз мамлакат ва мазҳабҳои мухолифи якдигар ба ҳам наздик ва пайваст карда буд. Ба ин маънӣ адабиёт аз сиёсат ва дину мазҳаб болотар қарор гирифта буд. Восита ва шакли асосии ба вуҷуд омадани равобити адабии байни Мовароуннаҳр ва Эрони ин давр ривоҷи ҳодисаи адабии ҷавобу татаббӯоти шоирони тоҷик ба ашъори суханварони Эрони ин давр будааст.

## REFERENCES

1. Тазкират-уш-шуаро. Таълифи Султон Муҳаммади Мутрибии Самарқандӣ. – Душанбе–Теҳрон: Ойинаи мерос, 1377.

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12-1248-1261

2. Саъдиев С. Маркази адабии Самарқанд дар шоҳроҳи таърих. – Тошканд, нашриёти Энсиклопедияи миллии Ӯзбекистон, 2012.
3. Зеҳнӣ Т. Саъдиев С. Суханварони сайқали рӯи замин. – Душанбе: Ирфон, 1970.
4. Мирзоев А. Из истории литературних связей Мавераннахра и Индии во второй половине XVI– начале XVII вв. –М.: ИВЛ, 1969.
5. Нисорий Ҳусанхожа. Музаккири аҳбоб. Форс тилидан Исмоил Бекжон таржимаси. – Тошкент: Халқ мероси, 1992.
6. Саъдиев С. Адабиёти тоҷик дар асри XVII. – Душанбе: Дониш, 1985.
7. Саъдиев С. Малеҳои Самарқандӣ ва тазкираи ӯ. – Самарқанд: Нашри ДДС, 1999.
8. Саъдиев С. Равияҳои асосии мундариҷаи ғоявии адабиёти тоҷик дар асри XVII. – Самарқанд: Нашри ДДС, 2002.
9. Ҳ.Кучқоров. Муҳити адабии Самарқанд дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX. “O‘ZBEK TILSHUNOSLIGINING DOLZARB MASALALARI”. Respublika ilmiy-amaliy konferensiya materiallari. – Buxoro: “Durdona”. 2019. 76-79 b.
10. Ҳ.Кучқоров. Мавқеи Ҷавдат дар ҳаёти адабии Самарқанд. ALMA MATER. Yosh o‘qituvchilar va magistrantlarning an’anaviy maqolalar to‘plami. – Samarqand: SamDCHTI nashri. 2020. 62-65 b.
11. Ҳ.Кучқоров. Жавдат ўз даври ислоҳотларининг тарғиботчиси. ИНТЕРНАУКА. Научный журнал. № 12(141), Часть 3. – Москва. 2020. стр. 79-80.
12. Ҳ.Кучқоров. Жавдат ва унинг Самарқанд адабий ҳаётида тутган ўрни. ИНТЕРНАУКА. Научный журнал. № 13(142), Часть 2. – Москва. 2020. стр. 89-90.
13. Ҳ.Кучқоров. Жавдат ижодида панд-ахлоқ мавзуси ва унинг ёш авлод тарбиясидаги ўрни. SCIENCE AND EDUCATION. Scientific journal. Volume 1, Issue 2. – Qo‘qon. 2020. page.606-612.
14. Ҳ.Кучқоров. Таълим-тарбия жараёнида миллий қадриятларнинг ўрни. SCIENCE AND EDUCATION. Scientific journal. Volume 1, Special issue 3. – Qo‘qon. November 2020. page. 158-164.
15. Kh.Kuchkorov. Abdurahmoni Jomi's pedagogical ideas on science, teaching, friendship and people's friendship. ЭКОНОМИКА И СОЦИУМ. Выпуск №4(83) (апрель, 2021) часть1. 174-177 б.

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12-1248-1261

16. Kh.Kuchkorov. The Position Of The Band In Persian-Tajik Poetry. INTERNATIONAL JOURNAL OF ACADEMIC MULTIDISCIPLINARY RESEARCH (IJAMR) ISSN: 2643-9670 Vol. 5 Issue 4, April - 2021, Pages: 259-260.
17. Ҳ.Кучқоров. Абдулғани Жавдатнинг маърифатпарварлик фаъолияти. SCIENCE AND EDUCATION. Scientific journal. “ИЛМ-ФАН ВА ТАЪЛИМНИНГ РИВОЖЛАНИШ ИСТИҚБОЛЛАРИ” биринчи конференцияси тўплами. (4-қисм) – Qo‘qon. 2020. 603-605 b.
18. Ҳ.Кучқоров. Абдулғани Жавдат маърифатпарвар шоир. "“O‘ZBEKISTONNING UMIDLI YOSHLARI”. 1-son Respublika ilmiy talaba va magistrantlar onlayn konferensi-yasining materiallari to‘plami. - Toshkent. 2020. 249-250 b.
19. Abdulg‘ani Javdatning o‘z davri ijtimoiy hayotidagi o‘rni. “MAGISTRANTLARNING XX-ILMIY KONFERENSIYASI” materiallari. – Samarqand: SamDU nashri. 2020. 82-85 b.
20. Ҳ.Кучқоров. Абдулғани Жавдат ижодиётининг ғоявий йўналишлари. “ORIENTAL ART AND CULTURE” ilmiy-metodik jurnali. “O‘ZBEKISTONDA ILM-FAN VA TA’LIM” 3-сон konferensiyasi to’plami (13-qism). – Qo‘qon. 2020. 7-9 b.
21. Ҳ.Кучқоров. Абдулғани Жавдат ва жадидчилик. SCIENCE AND EDUCATION. Scientific journal. “ИЛМ-ФАН ВА ТАЪЛИМНИНГ РИВОЖЛАНИШ ИСТИҚБОЛЛАРИ” иккинчи конференцияси тўплами. (2-қисм). – Qo‘qon. 2020. 289-291 b.
22. Ҳ.Кучқоров. Абдулғани Жавдатнинг тарғиботчилик фаолиятига бир назар. “БАКАЛАВРИАТ ВА МАГИСТРАТУРА ТАЛАБАЛАРИНИНГ ИЛМИЙ ИШЛАРИ” халқаро масофавий илмий-амалий конференция якунлари бўйича илмий ишлар тўплами. – Тошкент: ТДЮУ нашри, 2020. 18-19 б.
23. Х.Кучкаров. Личность в системе человеческих общение и педагогических взаимоотношений. “INNOVATIVE ACHIEVEMENTS IN SCIENCE – 2020” mavzusidagi 1-sonli xalqaro ilmiy-online konferensiyasi materiallari to’plami. – Фарғона, 2020. 439-441 б.
24. Kh.Kuchkorov. A look at the history of the origin of the holy genre. EUROPE, SCIENCE AND WE (ЕВРОПА, НАУКА И МЫ). Халқаро илмий конференсия материаллари тўплами. – Praha, Czech Republic. January-February 2021. Pages: 46-47.

ISSN: 2181-1385
Scientific Journal Impact Factor (SJIF) 2021: 5.723
Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor 2020-21: 0.89
DOI: 10.24412/2181-1385-2021-12-1248-1261

25. Kh.Kuchkorov. Tajik dialectology in the last 30 years. SCIENTIFIC IDEAS OF YOUNG SCIENTISTS(НАУЧНЫЕ ИДЕИ МОЛОДЫХ УЧЕНЫХ). Халқаро илмий конференсия материаллари тўплами. – Warsaw, Poland. January-February 2021. Pages: 41-42.
26. Ҳ.Қучқоров. Ҳаёти адабӣ ва фарҳангии Самарқанд дар асри XX. Til ta'limining uzviyligini ta'minlashda innovatsion texnologiyalar: muammo va yechimlar. Respublika ilmiy-amaliy onlayn konferensiya materiallari to'plami. – CHIRCHIQ-2021. 277-280 b.